## ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**“Мувофиқа карда шуд”**
**Ректори Донишгохи миллии Тоҷикистон**
**________________ Э.С. Насриддинзода**

**“_____”_______соли 2026**

**“Тасдиқ мекунам”**
**Вазири маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**_________ Саидзода Раҳим Ҳамро**
**“____”_______соли 2026**

# БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ
# АЗ РӮИ САМТ (ИХТИСОС)

**Ихтисос:** 260101 – Идораи давлатӣ
**Дараҷаи таҳсилот:** Магистр
**Касб:** Иқтисодчӣ-менеҷер
**Шакли таҳсил:** рӯзона
**Муҳлати таҳсил:** 2 сол

**ДУШАНБЕ-2026**

## Муқаррароти умумӣ

1. Стандарти таҳсилотии муқаррарнамудаи ДМТ барои барномаҳои таҳсилотии татбиқшавандаи таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд – стандарти таҳсилотии ДМТ) дар самти тайёр кардани магистрҳои «Идораи давлатӣ», бо қарори Шурои олимони ДМТ аз «_____» _________ соли 2026 (суратмаҷлиси №______) тасдиқ карда шудааст.
2. Самти тайёр кардани таҳсилоти олии касбии «Идораи давлатӣ» ба гурӯҳи муттаҳидаи самтҳои тайёр кардани «Илмҳои иқтисодӣ» тааллуқ дорад.

## Соҳаи татбиқи (корбурди) стандарти таҳсилотии ДМТ дар самти тайёр кардани магистрҳои «Идораи давлатӣ»

Стандарти таҳсилотии ДМТ) маҷмӯи талаботҳои ҳатмӣ ҳангоми татбиқи барномаҳои асосии таҳсилотӣ дар самти тайёр кардани магистрҳои «Идораи давлатӣ» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

## Асосҳои меъёрии шаклгирии Стандарти таҳсилотии ДМТ дар самти тайёр кардани магистрҳо бо ихтисоси «Идораи давлатӣ»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22.07.2013, №1004, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19.05.2009, № 531, «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касби дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.02. 2017, №94, «Низомномаи магистратура», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2007, №650 тасдиқ шудааст.

Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (таҳрири амалкунанда).

Санадҳои меъёрии ДМТ.

## Феҳристи ихтисорот

- СТ ДМТ – Стандарти таҳсилотӣ, ки ДМТ мустақилона барои барномаҳои таҳсилотии маълумоти олии касбӣ муқаррар кардааст;
- БАТ – барномаи асосии таҳсилот;
- МОК – маълумоти олии касбӣ;
- СУ – салоҳиятҳои универсалӣ;
- СУИ – салоҳиятҳои умуми илмӣ;
- СИ– салоҳиятҳои инструменталӣ;
- СС – салоҳиятҳои системавӣ;
- СК – салоҳиятҳои касбӣ.

## 1. Татбиқи барномаҳои асосии таҳсилоти олии касбӣ дар самти тайёр кардани магистрҳои «Идораи давлатӣ»

**1.1.** Барномаҳои асосии таҳсилоти олии касбӣ дар самти тайёр

кардани магистрҳои «Идораи давлатӣ» дар сатҳи магистратура амалӣ мешаванд. Мӯҳлати аз худ кардани барномаҳои асосии таҳсилоти олии касбӣ бо шакли рӯзонаи таҳсил – 2 сол, ҳаҷми фарогирии умумии барнома – на камтар аз 120 воҳиди санҷишӣ мебошад.

1.2. Ғунҷоиши меҳнатии барномаи асосии таҳсилотӣ дар шакли рӯзона дар як соли таълимӣ на камтар аз 60 ва на зиёдтар аз 67,5 воҳиди санҷиширо ташкил медиҳад.

1.3. Дар чаҳорчӯбаи самти пешниҳодшуда тайёр кардани барномаи асосии таҳсилоти магистратура метавонад аз рӯи самти омодасозӣ, мувофиқ ба маҷмӯи салоҳиятҳои пешниҳодшуда татбиқ шавад. Қарорро дар бораи кушодани самтҳои тайёркунӣ Шурои олимони ДМТ мебарорад. Самти омодасозии дар ДМТ кушодашуда ба Реестри ягонаи самти омодасозии ДМТ (минбаъд реестри самтҳо) дар қатори самтҳои умумии омодасозии кадрҳо ворид карда мешавад.

Фасли мутобиқи Реестри самтҳо ҷузъи таркибии Стандарти мазкур мебошад.

## 2. Самтҳои омодасозӣ дар чаҳорчӯбаи ҷузъи вариативии барномаи асосии таҳсилот

Самтҳои омодасозӣ дар чаҳорчӯбаи бахши вариативии барномаи асосии таҳсилотӣ шакл мегиранд ва фарогири зайланд: номгӯи самтҳои омодасозӣ; маҷмӯи салоҳиятҳои махсусгардонидашуда; номгӯи риштаҳои ихтисосии дар сохтори Барномаи асосии таҳсилот устуворшуда, ки бахши ҳатмии самти тайёркуниро ташкил медиҳанд ва аз худ кардани салоҳиятҳои зарурии ихтисосиро аз ҷониби донишҷӯён таъмин мекунанд.

Ғунҷоиши кори умумии бахши ҳатмии самти тайёркунӣ на камтар аз 50% - и ғунҷоиши кори бахши вариативии барномаи асосии таҳсилотии мувофиқро ташкил медиҳад.

Тасдиқи самти нави тайёркунӣ аз ҷониби Шурои олимони ДМТ дар сурати фарқи онҳо дар бахши ҳатмии самти тайёркунӣ аз самтҳои ба Реестр дохилшуда на камтар аз 50% ғунҷоиши кори бахши вариативии Барномаи асосии таҳсилотии мувофиқ амалӣ мегардад.

Номгӯи самтҳои тайёркунӣ дар ҳуҷҷатҳои сатҳи мутобиқи таҳсилот ва квалификатсияи (касби) додаи ДМТ ба хатмкунандагон сабт мешаванд.

## 3. Талабот ба натиҷаҳои тайёр кардани магистрҳои «Идораи давлатӣ», ки ба таҳсил аз рӯи барномаи асосии таҳсилоти маълумоти олии касбӣ дохил мешаванд

Талабот ба сатҳи омодасозии дохилшавандагон ба талабот аз натиҷаҳои азбаркунии барномаи асосии таҳсилотии омодасозии бакалавр дар самти «Идораи давлатӣ» мутобиқат мекунанд. Ба сатҳи дохилшавандагон ба самтҳои алоҳида (барномаҳои магистрӣ) талаботи иловагӣ пешниҳод карда мешаванд, ки мутобиқати он дар чаҳорчӯбаи санҷиши салоҳияти эҷодӣ ва/ё касбӣ, озмунҳои лоиҳаҳои илмӣ муайян

карда мешавад.  Имтиҳонҳои дохилшавӣ: математика, забони хориҷӣ ва (имтиҳони умумии касбӣ).

Аз рӯи самтҳои алоҳида (барномаҳои магистрӣ) ба иловаи имтиҳони умумии касбӣ мумкин аст имтиҳонҳои дохилшавии мутобиқ ба самти барномаи магистрӣ ҷорӣ карда шавад.  Феҳристи имтиҳонҳои дохилшавӣ аз рӯи самтҳои алоҳида (барномаҳои магистрӣ) ҳар сол аз ҷониби Комиссияи қабули ДМТ бо пешниҳоди Шурои олимони факултети иқтисод ва идора, ки магистрҳоро аз рӯи ихтисоси «Идораи давлатӣ» тайёр ва самтҳои мувофиқро татбиқ мекунанд, тасдиқ карда мешавад.

Имтиҳонҳои дохилшавӣ аз рӯи предметҳои соҳа дар шакли хаттӣ ва аз забони хориҷӣ ба тариқи шифоҳӣ гузаронида мешаванд.

## 3. Талабот ба натиҷаҳои аз бар кардани барномаи асосии таҳсилотии маълумоти олии касбӣ доир ба самти омодасозии магистрҳои «Идораи давлатӣ»

Таълим дар ДМТ ба тайёр кардани корманди соҳибкасб равона карда шудааст, ки:

- сифатҳои комили касбӣ ва шахсиро соҳиб аст, ки ҷавобгӯ ва рақобатпазир дар бозори меҳнати ватанӣ ва байналмилалӣ аст ва имконияти татбиқи маҳорат ва дониши худро дар соҳаҳои дониши муосири арзишманди фаъолияти касбӣ ва ҷамъиятӣ дорад;
- қобил аст худро дар соҳаи васеи фаъолияти касбӣ эҷодкорона татбиқ намояд, арзишмандии иҷтимоии касби худро дарк мекунад, ба иҷрои уҳдадориҳои касбии худ ҳавасманд аст, ба кор муносибати масъулиятнок дорад ва ҳисси баланди қарзи касбӣ ва шаҳрвандро дорад;
- масъулияти худро доир ба натиҷаҳои фаъолияти касбиву илмиаш дар назди ватан ва ҷомеа ҳис мекунад, мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ дорад, ки ба арзишҳои демократӣ ва гуманистӣ асос ёфтааст;
- дар рафтори хеш меъёрҳои ахлоқиеро, ки такя ба таҳаммулпазирӣ, кӯшиш ба ҳамкорӣ, таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ дар байни намояндагони гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, мавқеъҳои ғоявӣ, фарҳангҳои миллӣ доранд, ба роҳбарӣ гирад;
- баҳри идомаи таҳсил ва худмаълумотгирӣ дар тӯли зиндагии хеш ҷидду ҷаҳд намояд, нерӯи эҷодии худро ба нафъи шахс, ҷомеа ва давлат истифода барад;
- мавқеи хешро исбот ва ҳифз карда тавонад, қарору идеяҳои хешро фаъолона татбиқ намояд;
- аз мансубияти хеш ба яке аз донишгоҳҳои беҳтарин ифтихор дорад, алоқамандии хешро ба анъанаҳо ва арзишҳои маънавии ДМТ нишон медиҳад, худро давомдиҳандаи мактабҳои илмии он медонад;
- ғояҳои навро эҷод карда метавонад, доираи салоҳияти хешро васеъ карда стратегияи оптималии фаъолияти хешро таҳия карда метавонад, омода аст, ки мушкилоти дар шароити нав ва ғайристандартии касбӣ ва ҳаётӣ пеш омадаро бо назардошти масъулияти иҷтимоиву ахлоқӣ барои қарорҳои қабулкарда ҳал намояд;

Соҳаи фаъолияти касбии хатмкунандаи ДМТ, ки аз рӯи самти

магистрҳои «Идораи давлатӣ» омодагӣ шудааст, фарогири зайл аст:

- ба ҳайси омӯзгори фанҳои тахассусии ихтисоси «Идораи давлатӣ»;
- ба ҳайси муҳаққиқи соҳаи иқтисодиёт;
- банақшагирии иқтисодиёт;
- фаъолияти иқтисодӣ - таҳлилӣ;
- хизматчии давлатӣ;
- идораи иқтисод.

Фаъолияти касбии магистр дар соҳаи иқтисодиёт вазифаҳои иқтисодчӣ, роҳбарӣ, банақшагир ва ояндабини соҳаи иқтисодиёт, таҳлилгари масоили «Идораи давлатӣ», ҳангоми кор дар самти идораи давлатӣ дар мақомотҳои идоракунандаи давлатӣ, соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳолӣ, бахусус Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хариди давлати мол, кор ва хизмати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, инчунин корхонаву муассисаҳои давлатӣ дар назар дорад.

Магистр ба фаъолияте, ки омодагии амиқу бунёдӣ ва касбиро, аз ҷумла корҳои илмиву тадқиқотиро талаб дорад ва дар сурати аз худ кардани барномаи таҳсилоти касбии педагогӣ – ба фаъолияти омӯзгорӣ омодааст.

Хатмкунандаи ДМТ, ки таълимро аз рӯи барномаи асосии таҳсилоти маълумоти олии касбӣ (БАТ МОК) дар самти тайёр кардани магистрҳои «Идораи давлатӣ» ба анҷом расондааст, бояд дорои салоҳиятҳои зерини универсалӣ ва касбӣ бошад:

**Салоҳиятҳои универсалӣ:**

а) умумиилмӣ:

- қобилияти таҳлил ва баҳодиҳии масоили идоракунӣ ва иқтисодӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва касбӣ (СУИ -1);
- доштани донишҳои зарурӣ дар бораи методҳои роҳбарӣ, таҳқиқ, консепсияҳои муосир дар соҳаҳои илмҳои иқтисодӣ (СУИ -2);
- донистани методологияи муосири умумиилмии тадқиқот ва маҳорати корбурди он дар соҳаи касбӣ (СУИ -3).

б) <u>инструменталӣ</u>:

- донистани меъёрҳои забони адабӣ ва қисматҳои функсионалии нутқ; қобилияти намоиши фарҳанги шахсиву касбӣ, арзишҳои маънавию ахлоқӣ дар сӯҳбат; маҳорати пешниҳод ва ҳалли вазифаҳои иртиботӣ дар ҳама соҳаҳои муошират, идораи равандҳои мубодилаи иттилоотӣ дар муҳитҳои гуногуни иртиботӣ (СИ -1);
- донистани забонҳои хориҷӣ (аз нигоҳи шифоҳӣ ва хаттӣ) ба хотири пешбурди иртибот дар соҳаҳои таълимӣ, илмӣ, касбӣ ва иҷтимоиву фарҳангии муошират; донистани истилоҳоти ихтисосӣ бо забони хориҷӣ; лаёқати омода намудани мақолаҳои илмӣ, гузаронидани муаррифнома, баҳсҳо ва ҳимояи кори пешниҳодшуда бо забони хориҷӣ (СИ -2);

- доштани маҳоратҳои истифодаи барномаҳо ва кор бо шабакаҳои компютерӣ, истифода, таъсис ва пешбурди захираҳои Интернетӣ; аз худ кардани усулҳо, тарзҳо ва воситаҳои муосири таҳсил, ҳифз ва коркарди иттилоот (СИ -3);

- қобилияти истифодаи техникаи муосири ҳисоббарорӣ ва таъмини барномавии ихтисосии пешрафта дар кори илмиву тадқиқотӣ, шакл додани вазифаҳои техникӣ барои коркарди навъҳои муосири таъминоти барномавӣ (СИ -4);

- қобилияти истифодаи маҳоратҳои ташкиливу идоравӣ барои таҳияи стратегияи навъоварӣ дар фаъолияти касбиву иҷтимоӣ, соҳаҳои таҳлилӣ ва машваратӣ (СИ -5);

- қобилияти истифодаи дониши хеш дар бораи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва этикӣ ҳангоми баҳодиҳии оқибатҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои арзишноки иҷтимоӣ (СИ -6);

- қобилияти таъсиррасонии мусбӣ ба одамони атроф аз нигоҳи риояи қоидаҳои рафтори таҳаммулпазирона, меъёрҳои тарзи ҳаёти солим (СИ - 7);

- маҳорати кор бо маводҳои ВАО, таҳияи шарҳи матбуот доир ба мавзӯъҳои додашуда (СИ -8);

- маҳорати таҳияи ҳуҷҷатҳои корӣ, лоиҳаҳои созишномаҳо, қарордодҳо, барномаҳои чорабиниҳо (СИ -9);

в) <u>системавӣ</u>:

- қобилияти ҷустуҷӯ, таҳлил, ҷамъбаст ва ба низомдарории иттилооти илмӣ, гузориши ҳадафи тадқиқот ва интихоби роҳҳои самарабахши ба даст овардани онҳо (СС -1);

- қобилияти омӯзиш ва коркарди мустақилонаи усулҳои нави тадқиқот, тағйири самти илмӣ ва илмиву истеҳсолии фаъолият, ба фаъолияти илмиву маълумотии навъоварӣ (СС -2);

- қобилияти эҷодкорӣ, тавлиди ғояҳои навъоварӣ, пешниҳоди фарзияҳои мустақилона дар соҳаи омӯзиш (СС -3);

- қобилият ва омодагии ба даст овардани донишҳои байниририштаӣ, тавсеа ва амиқгардонии ҷаҳонбинии илмии хеш (СС -4);

- қобилият ва омодагӣ ба татбиқи фаъолияти тарбиявӣ, омӯзгорӣ ва илмиву омӯзгорӣ (СС -5);

- қобилияти истифодаи маҳорат ва малака дар ташкили корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва илмиву истеҳсолӣ, таъсиррасонӣ ба ташаккули мақсадҳои даста, ба муҳити иҷтимоиву равонӣ дар самти зарурӣ барои расидан ба ҳадафҳо, ба кор бурдани малакаи идораи навъовариҳо (СС - 6).

**Салоҳиятҳои касбӣ:**

- қобилият ва маҳорати истифодаи донишҳои усулҳои муосири таҳлили иқтисодӣ ва моделсозии математикии системаҳо ва равандҳои иқтисодӣ, таҳлил, шарҳ ва инкишофи тасаввуротҳо дар бораи низоми идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ, иқтисодиёти бахши давлатӣ ва роҳҳои тараққиёти он, баҳодиҳӣ ба масоили мубрами иқтисодӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, миллӣ ва минтақавӣ (СК -1);

- қобилияти ифшои мустақилонаи масоили мубрами соҳаи касбӣ, усулҳои беҳтаркунонӣ ва идоракунии системаҳои иқтисодӣ ва ҳалли он бо ёрии техника ва технологияи муосири иттилоотӣ бо истифодаи таҷрибаи навтарини ватанӣ ва хориҷӣ (СК -2);

- қобилият ва омодагӣ ба таҳияи асноди илмиву техникӣ, ҳисоботҳои илмӣ, шарҳҳои таҳлилӣ, хулосаҳои экспертӣ, маърӯзаҳо ва мақолаҳо мутобиқ бо санадҳои меъёрӣ (СК -3);

- қобилият ва маҳорати истифодаи донишҳои ҳосилшуда дар тадриси риштаҳои тахассусӣ, маҳорати иҷрои вазифаи ассистент дар ташкили фаъолияти омӯзгорӣ аз рӯи ихтисоси таҳсилотӣ, омодагӣ ва лаёқати пешбурди кори таълимиву методӣ, таълимиву ёрирасон ва таълимиву таҳлилӣ, кори тарбиявии беруназсинфӣ бо хонандагон (дониши амиқи консепсияҳои муосир, макотиби асосӣ ва ҷараёнҳои назариявии иқтисодиёти рақамӣ, амсилаҳои навъоварӣ, қобилияти таҳлили назариявии соҳаи иҷтимоӣ) (СК -4);

- маҳорати ошкор карда тавонистан ва ташкили равандҳои идоравии амалкарди қонуниятҳои системаҳои иқтисодӣ дар асоси таҳлили омории маълумотҳои иқтисодӣ ва молиявӣ (СК -5);

- бархурдорӣ аз усулҳои эконометрии таҳлил ва пешгӯии системаҳо ва равандҳои иқтисодӣ (СК -6);

- қобилияти истифодаи донишҳои назариявии тахассусӣ, ташаббускорӣ, малакаҳо ва маҳоратҳои амалии навъоварӣ, инчунин таҳияи ақидаҳои муосир барои ташкили тадқиқоти илмӣ, раванди таълим, фаъолияти таҳлилӣ ва машваратӣ (мутобиқ ба тахассуси барномаи магистрӣ) (СК -7);

-қобилияти истифодаи озодонаи усулҳои муосири коркард, шарҳ ва пешниҳоди иттилооти маҷмӯии байналмилалӣ (мутобиқ бо тахассуси барномаи магистрӣ) барои ҳалли вазифаҳои илмиву амалӣ, аз ҷумла берун аз соҳаи асосии фаъолият (СК -8);

- қобилияти ташкили кори иҷрокунандагон, дарёфт ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар соҳаи ташкил ва меъёргузории меҳнат, ҳавасмандкунонии фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва навъоварӣ (СК -9);

- қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити кори дарозмуддат дар ҳайати гуруҳҳои гуногун, омодагӣ ба ҳамкории касбӣ ва кор дар коллектив, ташкили кори дастаҳои иҷрокунандагон (СК -10);

- таҳлил ва пешгӯии вазъи фаъолияти иқтисодии субъектҳои сатҳҳои макро ва микроиқтисодӣ (СК -11).

- таҳлил ва пешгӯии рафтори нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ (СК -12);

- амнияти иттилоотӣ ва кибербехатарӣ (СК -13);

- аз худ кардани техникаи устуворсозии робитаҳои касбӣ ва инкишофи муоширати касбӣ, аз ҷумла бо забонҳои хориҷӣ, омодагӣ ба пешбурди муколама, мукотиба, гуфтушунидҳо бо забонҳои хориҷӣ дар чаҳорчӯбаи сатҳҳои вазифаҳои гузошташуда (СК -14);

- доштани малакаи ташкилӣ, банақшагирии стратегӣ дар соҳаи байналмилалӣ, қобилияти таҳияи стратегияи тадқиқоти таҳлилӣ,

нақшаҳои дарозмуддат ва миёнамӯҳлати фаъолияти байналмилалӣ, баҳодиҳии хавфу таҳдидҳои иқтисодӣ (СК -15);

- қабули қарорҳои идоравӣ ва назорати татбиқи самаранокии онҳо (СК -16);

- огоҳӣ аз асосҳои ҳуқуқӣ - иқтисодии ҳамкории байналмилалӣ, дарк ва таъсири онҳо ба танзими масъалаҳои геополитикӣ ва геоиқтисодӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва пайомадҳои он, инчунин сиёсати иқтисодӣ–иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон (СК -17).

Салоҳиятҳои махсусгардонидашуда дар Феҳристи (Реестри) касбҳо бо тартиби дар Стандарти таҳсилотии ДМТ муқарраршуда нишон дода мешаванд.

**5. Талабот ба сохтори Барномаи асосии таҳсилотии маълумоти олии касбӣ аз руи самти тайёр кардани магистрҳои «Идораи давлатӣ».**

Барномаҳои асосии таҳсилотии маълумоти олии касбии дар ДМТ татбиқшаванда сохтори зеринро доро мебошанд.

**a. Ҷузъи базавии (ҳатмии) БТ**

Номгуи фанҳо (модулҳо) – е, ки ба ҷузъи бунёдии БТ МОК дохил мешаванд, ва ҳаҷми умумии кори онҳо (дар воҳидҳои санҷишӣ) бо Стандарти тазкури таҳсилотии ДМТ муайян карда мешаванд.

**b. Ҷузъи вариативии БТ**

Ҷузъи вариативии БАТ бо вазифаҳо ва мундариҷаи барномаи магистрии мазкур муайян карда мешавад.

**c. Таҷрибаомузӣ ва кори илмӣ-тадқиқотӣ**

**d. Аттестатсияи ниҳоии давлатӣ**

Аттестатсияи ниҳоии (ҷамъбастии) давлатӣ ҳимояи кори хатмии квалификатсионӣ ва имтиҳони давлатиро дар бар мегирад.

Дар барномаи асосии таҳсилотӣ бояд фанҳо бо интихоби муҳассил дар ҳаҷми на камтар аз 10 воҳиди санҷишӣ дар назар дошта шавад. Тартиби таҳияи фанҳои интихобӣ ва тартиби интихоби онҳоро аз ҷониби муҳассилин санадҳои меъёрии ДМТ муқаррар мекунанд.

## Сохтори барномаи асосии таҳсилотии тайёр кардани магистр

| Номгӯи бахшҳо, талабот ба дониш ва қобилиятнокӣ | Микдори кредит | Соатҳои дарсҳои таълимии ҳатмӣ | Номгӯи фанҳо ва таҷрибаи амалӣ | Кодҳои кордониҳ ои ташаккул ёбанда |
|---|---|---|---|---|
| **I Бахши фанҳои заминавӣ:** | **24** | **15** | | |
| Дар натиҷаи омӯзиши фан таълимгиранда бояд:<br><br>**донад:**<br>✓ салоҳиятнокии ташкилӣ-идоравиро;<br>✓ дониши назариявӣ ва малакаи татбиқи амалии онҳоро дар рушди идоракунии мақомотҳои давлатӣ;<br>✓ Донишҳои заминавӣ ва идоракунии электрониро;<br>✓ масъалаҳои алоҳидаи асосҳои назарияи фанҳое, ки таҳти омӯзиш қарор дода шудааст;<br>✓ сарчашмаҳои илмӣ-педагогиро, мафҳумҳо ва категорияҳоро дар фаъолияти кори мақомотҳои идоракунанда;<br>✓ методҳои муосири таҳқиқ, консепсияҳои муосир дар соҳаҳои илмҳои табиӣ ва гуманитариро.<br><br>**тавонад:**<br>✓ истифодаи санадҳои меёърӣ-ҳуқуқӣ ва ташкили мақомотҳои давлатӣ ва субъектҳои иқтисодӣ;<br>✓ истифодаи технологияҳои муосир дар раванди қабули қарорҳои идоракунӣ;<br>✓ аз худ кардани усулҳо, механизмҳо ва воситаҳои муосири таҳсил, ҳифз ва коркарди иттилоот;<br>✓ мустақилона расонидани ёрии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва хизматрасонӣ ба ҳар гуна категорияҳои аҳолӣ мувофиғи самти идораи даавлатӣ;<br>✓ коркарди барномаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва лоиҳаҳои соҳавӣ; | 4 | 1 | **Забонҳои хориҷӣ бо мақсадҳо и ихтисосӣ** | СУИ 1; СУИ 2-3; СИ 1; СИ 4; СИ 5; СИ 6; СС 1; СС 2; СС 3; СК 1-2; СК 3; СК 4; СК 5-6; СК7 |
| | 4 | 1 | **Фалсафа ва методоло гияи илм** | |
| | 4 | 1 | **Педагоги ка ва психолог ияи мактаби олӣ** | |
| | 4 | 1 | **Информа тика (аз рӯи самт{о)** | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ✓ худинкишофдиҳӣ, ташаббускорӣ, эҷодкорӣ, баланд бардоштани дараҷаи тахассусӣ ва маҳорати кории худ.<br><br>**доро бошад:**<br>✓ меъёрҳои забони адабӣ ва қисматҳои функсионалии нутқ;<br>✓ маҳорати пешниҳод ва ҳалли вазифаҳои иртиботӣ дар ҳама соҳаҳои муоширатг, идораи равандҳои мубодилаи иттилоотӣ дар муҳитҳои гуногуни иртиботӣ;<br>✓ маҳорати кор бо маводҳои ВАО, таҳияи шарҳи матбуот доир ба мавзуъҳои додашуда;<br>✓ маҳорати таҳияи ҳуҷҷатҳои корӣ, лоиҳаҳои созишномаҳо, қарордодҳо, барномаҳои чорабиниҳо;<br>✓ маҳорати дарки тамоилу самтҳои навини пешравии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, қобилият ва омодагӣ ба иштирок дар ташаккул ва инкишофи онҳо. Лаёқати иштирок дар баҳсҳои илмӣ оиди масоили мубрами назария ва амалияи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ. | | | | |
| | | | | |
| **Фанҳои интихобӣ** | 8 | 2 | | |
| **II Бахши фанҳои тахассусӣ:** | 36 | 9 | | |
| **донад:**<br>✓ асосҳои консептуалии ташкили фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ва сиёсати кадрӣ;<br>✓ равишҳои сохтории ҷо ба ҷо гузории кадрҳои хизматчиёни давлатӣ, назорат ва баҳодиҳии фаъолияти касбии онҳо;<br>✓ равандҳои геоиқтисодии давлат дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии идоракунии давлатӣ ва мавқеъгирии давлат дар хоҷагии ҷаҳонӣ;<br>✓ ҳамоҳангсозии платформаҳои ҳамгироиҳои иқтисодии | 4 | 1 | **Сиёсати кадрии хизматчиёни давлатӣ** | СИ 2; СИ 3;<br>СИ 7;<br>СИ 8;<br>СИ 9;<br>СС 4-5;<br>СС 6;<br>СК 8;СК 9; СК 10;<br>СК 11; СК 12; СК 13;<br>СК 14; СК 15; СК 16;<br>СК 17 |
| | 4 | 1 | **Геоиқтисодиёт (шакли васеъ)** | |
| | 8 | 2 | **Сиёсати инноватсионии давлат** | |
| | 4 | 1 | **Фаъолияти иқтисодии берунмар** | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| давлат, муҳитсозии геоиқтисодӣ, диломатияи геоиқтисодӣ, равандҳо ва афзалиятҳои асосӣ;<br>✓ равишҳои муосири сиёсати идоракунии инноватсионӣ, таҳия ва татбиқӣ инноватсияҳо дар раванди фаъолияти идоракунӣ;<br>✓ Консепсияи муосири иқтисодиёт ва идоракунии инноватсионӣ, идоракунии электронӣ, рақамикунонии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ;<br>✓ истифодаи технологияҳои рақамӣ дар низоми идоракунии давлатӣ, ташкил ва назорати электронии мақомотҳои давлатӣ ва соҳаҳои иқисодиёт;<br>✓ иқтисодиёти инноватсионӣ, масъалаҳои институтсионалӣ, такшилӣ, молиякунонӣ, таҳияи механизмҳои асосии сиёсати инноватсионии давлат;<br>✓ таҳияи механизмҳои сиёсати иқтисодии берунмарзии давлат, робитаҳои иқтисодӣ бо давлатҳо, ширкатҳо, созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, устуворгардонии мавқеи молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар хоҷагии ҷаҳонӣ;<br>✓ ташкил ва идораи механизмҳои татбиқи манфиатҳои иқтисодии давлат, бозорёбӣ, робитаҳои тиҷоратии давлат, ҷалби сармояи хориҷӣ, таъмини мувозинати воридот ва содирот;<br>**тавонад:**<br>✓ ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили дурусти маълумотҳои воқеӣ барои қабули қарорҳои дурусти идоракунӣ;<br>✓ таҳия ва таҳқиқи мунтазами моделҳои идоракунии давлатӣ бо назардошти тағйирёбии вази бозор; | | | **зии давлат** | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ✓ ташкили фаъолияти коллегиявӣ дар татбиқи функсияҳои ташкилӣ ва идоравии мақомотҳои давлатӣ;<br>✓ ҳамоҳангсозии фаъолияти функсионалии мақомотҳои давлатӣ ва татбиқи воқеии принсипҳои идоракунии давлатӣ;<br>✓ татбиқи инноватсияҳо дар фаъолияти кории мақомотҳои идоракунии давлатӣ ва роҳандозӣ намудани технологияҳои рақамӣ;<br>✓ пайдо намудани равишҳои илми ва инноватсионии такмилдиҳии фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ;<br>✓ моделсозии илмии низоми идоракунии давлатӣ ва таҳияи механизмҳои татбиқ дар сохтори ҳокимияти давлатӣ;<br>✓ заминагузорӣ ба ислоҳоти иқтисодӣ ва равишҳои институтсионалии сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат;<br>✓ муайянсозии вазъи муосири иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, баҳодиҳии саривақтӣ, нишондиҳии уфуқҳои нав ва коркарди моделҳои муносиби рушди мамлакат;<br>✓ татбиқи малакаи омӯзгории касбӣ, тақвияти мунтазами фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва дарки корҳои илмиву таҳқиқотӣ;<br>**доро бошад:**<br>✓ татбиқ намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ, масъалагузории алоқамандкунандаи илм ва истеҳсолот дар фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ;<br>✓ усулҳои таҳким ва ташаккули мунтазами усулҳои муосири идоракунии давлатӣ тавассути ташаббускорӣ, наоварӣ ва худрушдёбии шахсӣ,<br>✓ сабки алоҳида, дарки усулҳои маъмурӣ, механизмҳои | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| иқтисодӣ дар қабули қарорҳои самараноки идоравӣ;<br>✓ таъмини шароитҳо ва имкониятҳои васеъгардонии самаранокии қарорҳои идоракунии мақомотҳои давлатӣ. | | | | |
| **Фан{ои интихобЬ** | 16 | 4 | | |
| **III Шакл{ои дигари таълим** | 60 | 0 | | |
| | 12 | 0 | **Таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ** | |
| | 6 | 0 | **Таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ** | |
| | 24 | 0 | **Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ** | |
| | 15 | 0 | **Таҳияи рисолаи магистрӣ** | |
| | 3 | 0 | **Аттестатсияи хатм** | |
| | | | **Имтиҳони давлатӣ аз фанҳои тахассусӣ** | |
| | | | **Ҳимояи рисолаи магистрӣ** | |
| **ҲАМАГӢ** | 120 | 15 | | |

Рӯйхат ва ғунҷоиши кори фанҳои факултативӣ, ки иловатан ба БТ муқаррар карда мешаванд ва барои омӯзиш ҳатмӣ нестанд, ҳангоми шаклдиҳии БТ бо назардошти вазифа ва мундариҷаи барномаи магистрии мазкур муайян карда мешаванд.

## 6.Талабот ба шароити татбиқи БАТ МОК аз рӯи самти тайёр кардани магистрҳо «Идораи давлатӣ»

### а. Талабот ба шартҳои умумии татбиқи Барномаи асосии таҳсилоти магистратура

Барномаи тайёр кардани магистр дар ДМТ нақшаҳои таълимӣ, барномаи курсҳои таълимӣ, предметҳо, фанҳо (модулҳо) ва дигар маводи таъминкунандаи тарбия ва сифати омодагии муҳассилон, инчунин барномаҳои таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ ва истеҳсолӣ, нақшаи тақвимии таълимӣ ва маводи методиро, ки татбиқшавии технологияи таҳсилотии мувофиқро таъмин мекунад, дар бар мегирад.

Донишгоҳ ҳар сол барномаҳои таълимиро бо назардошти икишофи илм, фарҳанг, иқтисод, технологияҳо ва соҳаи иҷтимоиро аз нав мекунад. Ҳангоми таҳияи барномаи магистрӣ бояд имконияти мактаби олӣ дар мавриди инкишофи салоҳиятҳои умумифарҳангии хатмкунандагон (аз ҷумла, салоҳиятҳои ҳамкориҳои иҷтимоӣ, худсозмондиҳӣ ва худидоракунӣ хислати системавӣ – фаъолиятӣ дошта) мушаххас карда шаванд.

ДМТ муҳити иҷтимоиву фарҳангии донишгоҳро шакл медиҳад, шароити барои инкишофи ҳаматарафаи шахс зарурииро фароҳам меорад. Донишгоҳ ба инкишофи унсури иҷтимоиву тарбиявии раванди таълим, бо фарогирии инкишофи худидоракунии магистрантҳо, иштироки толибилмон дар кори созмонҳои ҷамъиятӣ, маҳфилҳои варзишӣ ва эҷодӣ, ҷамъиятҳои илмии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Татбиқи равиши салоҳиятдор истифодаи васеъи шаклҳои фаъол ва интерактивии гузарондани машғулиятҳо (бозиҳои компютерӣ корӣ ва нақшофарӣ, таҳлили шароити мушаххас, тамринҳои равонӣ ва амсоли инҳо) – ро мутобиқ бо кори беруназдинфӣ бо мақсади шалкдиҳӣ ва инкишоф додани малакаҳои касбии толибилмон дар назар дорад.

Дар чаҳорчӯбаи фанҳои таълимӣ вохурӣ бо намояндагони марказҳои илмиву таҳлилии ватанӣ ва хориҷӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, мастер-классҳои таҳлилгарон ва мутахассисон дар назар дошта мешаванд. Ба барномаҳои фанҳои асосии бахши (сикли) касбӣ бояд супоришҳое(масъалаҳое) ворид карда шаванд, ки ба инкишофи салоҳиятҳои фаъолияти касбӣ, ки ба он хатмкунанда омодагӣ мегирад, дар он ҳаҷме, ки ба шаклдиҳии салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ва касбӣ имконият медиҳад, мусоидат мекунад.

Вазни қиёсии машғулиятҳое, ки дар шаклҳои интерактивӣ гузаронида мешаванд, бо ҳадафи аслии барнома, махсусияти ҳайати толибилмон ва мундариҷаи фанҳои мушаххас муайян карда шуда, дар маҷмуъ дар раванди таълим на камтар аз 30 % и машғулиятҳои аудиториро бояд ташкил диҳанд. Машғулиятҳои лексионӣ барои чунин гурӯҳҳои донишҷӯён набояд зиёдтар аз 30%-и машғулиятҳои аудиториро ташкил диҳанд.  Ҳаҷми фанҳои факултативӣ бояд дар тамоми даврai таълим аз 10 воҳиди санҷишӣ зиёд набошад.

Донишгоҳ толибилмонро бо имконияти воқеии иштирок дар шаклдиҳии барномаи омӯзиши хеш, бо фарогирии имконияти таҳияи барномаҳои таҳсилотии инфиродӣ таъмин менамояд. Донишгоҳ толибилмонро бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳояшон ҳангоми шаклдиҳии Барномаи асосии таҳсилотӣ шинос намуда, мефаҳмонад, ки фанҳо (модулҳо, курсҳо) – и интихобкардаи толибилмон барояшон ҳатмӣ хоҳанд буд.

Ҳамроҳ бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои устуворнамудаи қонунгузорӣ ва санадҳои дигари меъёрӣ толибилмон ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зайлро соҳибанд:

- дар чаҳорчӯбаи ҳаҷми вақти таълимӣ, ки барои аз худ кардани фанҳои асосии интихобии муқаррарнамудаи Барномаи асосии таҳсилот ҷудо карда шудааст, фанҳо (модулҳо, курсҳо)- и мушаххасро интихоб намоянд;

- ҳангоми шаклдиҳии барномаи таҳсилотии инфиродии худ магистрантҳо доир ба интихоби фан (модул, курс) ва таъсири онҳо ба касби (тахассус) оянда машварат гиранд;

- ҳангоми интиқол аз донишгоҳи дигар дар сурати мавҷудияти ҳуҷҷатҳои зарурӣ фанҳо (модулҳо, курсҳо)-и пештар омӯхтаашонро аз нав супоранд;

- онҳо уҳдадоранд, ки ҳамаи супоришҳои муайннамудаи Барномаи асосии таҳсилотии Донишгоҳро дар муҳлати муқарраршуда супоранд.

Сохторҳои татбиққунандаи Барномаҳои асосии таҳсилотӣ уҳдадоранд, ки:

- робитаи устуворро бо хатмкунандагон ва кордиҳандагони онҳо ба роҳ монанд;

- мониторинги сифати тайёр кардани хатмкунандагон ва дараҷаи мутобиқати омодагии хатмкунандагонро бо талаботи бозори меҳнат, механизми ворид кардани тағийроти зарурӣ ба барномаҳои асосии таҳсилотӣ доир намоянд.

Ҳаҷми максималии сарбории таълимии магистрант аз 54 соати академӣ дар як ҳафта, бо фарогирии ҳамаи навъҳои сарбории таълимии аудиторӣ ва беруни аудитории аз худ кардани барномаи асосии таҳсилотӣ ва фанҳои факултативӣ зиёд буда наметавонад.

Ҳаҷми максималии сарбории таълимии аудиторӣ дар як ҳафта ҳангоми аз худ кардани барномаи асосии таҳсилот дар шакли рӯзона бо нақшаи таълимӣ бо назардошти қарори Шурои олимони ДМТ сохторе, ки дар он барномаи таҳсилотии мазкур татбиқ карда мешавад ва махсусияти самти омодагии ихтисоси маълумоти олии касбӣ устувор карда мешавад. Таносуби навъҳои гуногуни машғулиятҳои аудиториро Барномаи асосии таҳсилотӣ бо назардошти талаботи банди 5 ва 6 стандарти мазкур муайян мекунад.

Ҳаҷми максималии сарбории таълимии аудиторӣ дар ҳафта ҳангоми азхудкунии барномаи таҳсилот дар таҳсили рӯзона аз 24 соати академӣ зиёд буда наметавонад.

Назорати ҳаҷми кори таълимии амалии толибилмон мутобиқ ба

нақшаи таълимии барномаи асосии таҳсилот, ҷадвали дарсҳо, бо назардошти самтҳои омӯзишии инфиродии толибилмон амаликарда мешавад.

Ҳаҷми умумии давраи таътил дар соли таҳсил бояд на камтар аз 7 ҳафта, аз ҷумла ду ҳафта дар давраи зимистонро ташкил диҳад.

Давомнокии соати академӣ барои ҳамаи навъҳои машғулиятҳои аудиторӣ 50 дақиқаро ташкил медиҳад. Дар ҷадвли дарсӣ бояд танаффуси толибилмон барои хуроккурӣ на камтар аз 45 дақиқа ба назар гирифта шавад.

Барномаи асосии таҳсилоти магистратура бояд тадриси фанҳо (модулҳо) – ро бо забони хориҷӣ дар ҳаҷми на камтар аз 10 воҳиди санҷишӣ дар бар гирад.

Ҳангоми тадриси фанни (модули) «Забони хориҷӣ» теъдоди донишҷӯён дар гурӯҳ на камтар аз 12 нафар бошад.

Донишҷуёни хориҷӣ дар рафти таҳсил фанҳоеро (модулҳоеро), ки салоҳиятҳои СИ-1 – ро дар забони хориҷӣ таъмин мекунанд, аз бар мекунанд. Ба донишҷӯёни хориҷӣ дар сурати зарурат ва бо хоҳиши онҳо имконияти аз худ кардани барномаи иловагии таҳсилотии «Забони русӣ ҳамчун забони хориҷӣ» мутобиқ бо санадҳои меъёрии ДМТ дода мешавад.

Фасли барномаи асосии таҳсилотӣ «Таҷрибаомӯзиҳо» ҳатмӣ буда ва ҳамчун навъи машғулиятҳое, ки мустақиман ба омодагии касбиву амалии толибилмон равона шудааст, пешниҳод карда мешавад.

Навъҳои мушаххаси таҷрибаомӯзиҳо дар Стандарти таҳсилотии мазкур муайян карда шудаанд, ки аз таълимӣ, истеҳсолӣ ва илмиву тадқиқотӣ иборатанд. Ҳадаф, вазифаҳо, барномаҳо ва шаклҳои ҳисоботдиҳии таҷрибаомӯзиҳо вобаста ба намуди таҷрибаомӯзиҳо муайян карда мешаванд.

Таҷрибаомӯзиҳои истеҳсолӣ ва илмиву тадқиқотӣ дар ташкилотҳои гуногун (мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва идораҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ, васоити ахбори омма, марказҳои таҳлилӣ, ширкатҳо ва ғайраҳо), ки дорои нерӯи зарурӣ мебошанд ва ё ниҳодҳои илмиву тадқиқотии АМУ ҶТ, академияҳои дигар, кафедраҳо ва озмоишгоҳҳои ДМТ гузаронида мешаванд.

Дар натиҷаи гузаштани таҷрибаомӯзии таълимии ихтисосӣ донишҷӯ бояд маҳорати тадриси риштаҳои ихтисосии барномаро дар донишгоҳ, методикаи таълими ҳозиразамон, малакаи кори тарбиявӣ, ташкили кори мустақилонаро дошта бошад. Дар натиҷаи гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ донишҷӯ бояд ба малакаи кори илмиву тадқиқотӣ, таҳлилӣ, машваратӣ, кори идоракунӣ ва ташкилотии қабул ва татбиқи қарорҳои дахлдор дар мақомотҳои давлатӣ ва идора, дар дастгоҳҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ, мақомотҳои маҳаллии худидоракунӣ ва дастгоҳҳои дигар иштирокчиёни ташкилотҳои иҷтимоии байналмилалӣ соҳиб шавад. Шаклҳои аттестатсияро Шӯрои олимони факултет муайян мекунад.

Ҳангоми таҳияи барномаи корҳои илмиву тадқиқотӣ факултет бояд

ба магистрант имконият диҳад, ки:

- адабиёти ихтисосӣ ва иттилооти дигари илмиву техникӣ, дастовардҳои илму техникаи ватанӣ ва хориҷиро дар соҳаи донишҳои зарурӣ омӯзад;
- дар пешбурди тадқиқотҳои илмӣ иштирок намояд;
- ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва танзимдарории иттилооти илмиро доир ба мавзуъ ба роҳ монад;
- ҳисобот (фаслҳои ҳисобот)- ро доир ба раванди таҳқиқи мавзуъ ё бахши он (марҳила, масъала) таҳия кунад;
- дар конференсияҳо бо маърӯзаҳо баромад намояд;
- барои маҷаллаҳои тақризшаванда, илмӣ мақолаҳои илмӣ ва фишурдаи мақола нависад;
- дар омода кардани маводи таҳлилӣ доир ба тағйиротҳои иҷтимоӣ дар мамлакат ва ҷаҳон иштирок намояд.

## b. Талабот ба шароити кадрии татбиқи Барномаи асосии таҳсилоти магистратура

Татбиқи барномаҳои асосии таҳсилотии магистратура бояд тавассути кадрҳои илмиву педагогӣ, ки маъмулан соҳиби маълумоти базавии мутобиқ ба ихтисоси фанни тадрисшаванда ва пайваста фаъолияти таълимиву илмӣ ва (ё) илмиву методӣ мебарад, таъмин карда шавад. Ҳиссаи устодони унвон ё дараҷаи илмӣ дошта дар теъдоди умумии устодоне, ки раванди таълимро дар Барномаи асосии таҳсилотӣ таъмин мекунанд, бояд аз 80%, дараҷаи илмии доктори илм (аз он ҷумла дараҷаи PhD, ки русумоти устуворшудаи эътироф ва муқаррар кардани баробарарзиширо гузаштааст) ва/ё унвони илмии профессор на камтар аз 15% устодонро ташкил диҳад.

Ба раванди таълим бояд на камтар аз 5% устодон аз ҳисоби роҳбарон ва кормандони ташкилотҳо, корхонаҳо ва муассисаҳои ихтисосӣ ҷалб карда шаванд. То 10%-и теъдоди умумии устодони дараҷаи илмӣ ва/ё унвони илмӣ доштаро метавонанд устодоне иваз намоянд, ки собиқаи кори амалӣ дар самти мазкур дар вазифаҳои роҳбарӣ ва мутахассисони пешбар тайи даҳ соли охир дошта бошанд.

Роҳбарии умумии мундариҷаи илмӣ ва бахши таҳсилотии барномаи магистриро бояд корманди штатии илмиву омӯзгории донишгоҳ, ки дараҷаи илмии доктори илм (аз ҷумла намунаҳои хориҷии он, ки русумоти устуворшудаи эътироф ва муқаррар кардани баробарарзиширо гузаштаанд) ё унвони илмии профессори ихтисоси мазкур, собиқаи корӣ на камтар аз 3-сола дар муассисаҳои таҳсилотии маълумоти олии касбӣ дорад, ба амал мебарорад.

Роҳбарии бевоситаи магистрҳоро роҳбарони унвон ва дараҷаи илмӣ дошта ба амал мебароранд. Ҳамзамон роҳбарии на бештар аз 3 магистрант роҳ дода мешавад. Роҳбарони барномаҳои магистрӣ бояд мунтазам лоиҳаҳои тадқиқотии мустақилона бурда ё дар лоиҳаҳои тадқиқотӣ иштирок намоянд, дар маҷаллаҳои илмии ватанӣ (аз ҷумла дар

руйхати Комиссияи олии аттестатсионӣ буда) ё маҷаллаҳои хориҷӣ, маҷмуаҳои конференсияҳо, симпозиумҳои миллӣ ва байналмилалӣ нашрия дошта бошанд, ва дар панҷ сол як маротиба аз такмили ихтисос гузаранд. Барои корманди штатии илмиву омӯзгории Донишгоҳ, ки басти пурра кор мекунад, роҳбарӣ ба ду барномаи магистрӣ роҳ дода мешавад; барои ҳамкори штатии дохилӣ – роҳбарии як барномаи магистрӣ иҷозат дода мешавад.

## c. Талабот ба шароити моддиву техникии татбиқи Барномаи асосии таҳсилотии магистратура

Факултети иқтисод ва идораи ДМТ, ки барномаи асосии таҳсилотии тайёр кардани магистрҳоро татбиқ мекунанд, бояд дорои базаи моддиву техникии таъминкунандаи гузаронидани ҳама гуна навъҳои омодагии фаннӣ ва байнифаннӣ, корҳои лабораторӣ, амалӣ ва илмиву тадқиқотии толибилмон, ки нақшаи таълимии факултет муқаррар кардааст ва ҷавобгӯйи қоида ва меъёрҳои санитариву зиддисухторӣ бошад.

Номгӯи таъминоти моддиву техникии барои татбиқи барномаи асосии таҳсилотӣ зарурӣ фарогири зайл аст:

- мавҷудияти синфхонаи компютерӣ;
- мавҷудияти имконияти дастёбии донишҷӯён ба Интернет;
- мавҷудияти кабинетҳо ва синфхонаҳои махсуси ҷиҳозонидашуда барои пешниҳодҳои видеоӣ;
-мавҷудияти синфхонаҳои лингафонӣ, синфхонаҳои тарҷумаи синхронӣ;
- мавҷудияти бизнес-инкубаторҳо.

Ҳангоми истифодаи нашрияҳои электронӣ факултет ӯҳдадораст, ки ҳар як донишҷӯро дар вақти омодагии мустақилона бо ҷойи кор дар кабинети методии компютерӣ бо дастёбӣ ба Интернет мутобиқи ҳаҷми фанҳои омӯхташаванда таъмин намояд.

Синфхонаҳои компютерӣ бояд ба ҳар магистр имкони 40 соат дар як сол кор бо компютерро диҳанд. Факултет бояд бо маҷмӯи зарурии таъмини барномавии литсензиявӣ таъмин бошанд.

## d. Талабот ба шароити молиявии татбиқи барномаи умумии таҳсилотии магистратура

Таъминоти молиявии татбиқи барномаҳои умумии таҳсилоти омодагии магистр дар ҳаҷми меъёрҳои муқарраркардаи молиявӣ ба роҳ монда мешавад. Барои таъмини молиявии раванди таълим субсидияҳои таҳсилотӣ бо фармоиши давлат ва идораҳои манфиатдор, ҳамчунин усули тайёркунӣ бо шартнома бо сохторҳои тиҷоратӣ ва ашхоси воқеӣ истифода бурда мешавад.

Шурои олимони факултет (дар асоси меъёрҳои муқаррар кардаи ДМТ) ҳангоми пешбурди барномаи асосии таҳсилоти омодагии магистр ҳар сол буҷаи татбиқи барномаи мазкурро тасдиқ менамояд. Ҳангоми

тасдиқи сметаи хароҷоти маблағҳои ғайрибуҷавӣ маблағгузории корҳои илмиву тадқиқотӣ ва таҷрибаомӯзии магистрантҳоро, маблағгузории барномаҳои мубодила ва фаъолияти нашриётӣ дар назар дошта мешавад.

## е. Талабот ба шароити таълимиву методӣ ва иттилоотии татбиқи барномаи асосии таҳсилотии магистратура

Барномаи асосии таҳсилотӣ бояд бо аснод ва маводи таълимиву методии ҳамаи фанҳо, риштаҳои (модулҳо) барномаи асосии таҳсилотӣ таъмин бошад. Мундариҷаи ҳар кадом фанҳои таълимии мазкур (курсҳо, модулҳо) бояд дар шабакаи Интернет ё шабакаи локалии ДМТ ҷой карда шавад.

Корҳои беруназсинфии магистрантҳо бояд ҳамроҳ бо таъмини методӣ ва асосноккунии вақти барои иҷрои он ҷудокардашуда ба амал бароварда шавад.

Татбиқи барномаи асосии таҳсилотӣ бояд бо дастёбӣ ба феҳристи пурраи ҳар як донишҷӯ ба базаи маълумотҳо ва хазинаҳои китобхонавӣ, ки бо руйхати пурраи фанҳо (модулҳо)-и барномаи асосии таҳсилотӣ шакл мегирад, таъмин карда шавад. Ҳангоми тайёрии мустақилона донишҷӯён бояд ба шабакаи Интернет дастёбӣ дошта бошанд.

Ҳар як таълимгиранда бо барномаи асосии таҳсилотӣ бояд бо нашрияҳои таълимӣ ва таълимиву методӣ ва ё электронӣ аз ҳар фан (ба ҳисоби 0,5 имтиҳон ба ҳар нафар), ба барномаи таҳсилотӣ шомил аст, таъмин карда шавад.

Фонди китобхонавӣ бояд бо маводҳои электронӣ ё типографӣ. адабиёти асосии таълимӣ доир ба фанҳои базавии ҳамаи сиклҳо, ки тайи 10 соли охир ба табъ расидаанд, пурра карда шавад.

Фонди адабиёти иловагӣ, ба иловаи таълимӣ, бояд нашрияҳои расмии маълумотномавӣ-библиографӣ ва даврӣ ба ҳисоби 1-2 нусха ба ҳар 100 донишҷӯ. Ҳар як магистрант бояд ба феҳристи фонди китобхона, ки на камтар аз 10 номгӯи нашрияҳои даврии ватанӣ (аз он ҷумла 5 тояш дар руйхати КОА) ва 3 номгӯи нашрияҳои хориҷӣ иборат бошад, дар таркиби зерин дастёбӣ дошта бошад:

**а) ватанӣ:**

Паёми ДМТ

Паёми ДСРТ (Вестник РТСУ)

Маҷаллаи «Идоракунии давлатӣ» (Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон)

Паёми ДДТТ

Илм ва фановарӣ

Иқтисодиёти Тоҷикистон. Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

**б) русӣ:**

Вестник Московского университета. Управление (государство и общество)

Управление. Государственный университет управления.

Право и цифровая экономика. МГЮА имени О.Е. Кутафина
Государственное управление. МГУ.
Вестник Воронежского государственного университета.
Серия: Системный анализ и информационные технологии
Научно-практический журнал «Управленческое консультирование». Научные журнал. РАНХИГС
Журнал Белорусского государственного университета. Экономик

**в) хориҷӣ:**

Public Administration Journal - International journal
Journal of Public Administration Research and Theory
Public Administration Review. journal
Quarterly Journal of Administrative Sciences
Journal of Policy Analysis and Management
Journal of European Public Policy
Public administration
Education Department, quarterly
Regulation and management
Perspectives of Public Administration and Public Management
Public Personnel Management
International Journal of Public Administration
Public Policy and Administration
Social Policy and Management

Магистрант бояд ба хазинаҳои маълумотҳои муосир, низомҳои ҷустуҷӯӣ ва маълумотии иттилоотӣ дастёбӣ дошта бошанд.

Талабот ба шартҳои татбиқи барномаи асосии таҳсилот, ки Стандарти мазкури ДМТ муқаррар накардааст, аз талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот пасттар буда наметавонанд.

## 7. Талабот ба таҳияи нақшаҳои таълимии барномаи асосии таҳсилотии маълумоти олии касбӣ дар самти тайёр кардани магистрҳои «Идораи давлатӣ»

Барои татбиқи барномаи асосии таҳсилотии магистратура санадҳои зерин истифода мешаванд:

- нақшаи таълимӣ;
- нақшаи инфиродии таълимии магистрант.

Нақшаи таълимӣ барои мӯҳлати меъёрии омӯзиш мутобиқи талаботи дар фасли 4 муқарраршуда ба сохтори барномаи асосии таҳсилотии маълумоти олии касбӣ бо шарҳи пурраи бахши вариативӣ таҳия мешавад ва бо қарори Шурои олимони ДМТ тасдиқ карда мешавад.

Ҳангоми таҳияи нақшаи таълимӣ мураттибон бояд талаботҳои асосиро ба шароити умумии татбиқи барномаи асосии таҳсилотӣ, ки дар фасли 5 муқаррар шудааст, ба роҳбарӣ гиранд. Бо салоҳдиди мураттибон нақшаи таълимӣ бояд барои ҳар як самти омодагӣ алоҳида тартиб дода шавад.

Нақшаи таълимӣ бояд мантиқи умумии шаклгирии ҳамаи салоҳиятҳои талаботиро ҳангоми татбиқи барномаи асосии таҳсилотӣ инъикос намояд. Дар нақшаи таълимӣ бояд пайдарҳамии мантиқии азхудкунии фанҳо (модулҳо)-и барномаи асосии таҳсилотӣ бо нишон додани сарбории умумии онҳо (дар воҳидҳои санҷишӣ ва соатҳои академӣ); ғунҷоиши кори аудиторӣ ва мустақилона (дар соатҳои академӣ); навъҳои корҳои таълимӣ, шаклҳои аттестатсияи байнифосилавӣ ба семестрҳо дар давоми соли таҳсил инъикос ёбад. Нақшаи таълимӣ бояд феҳристи фанҳоро бо интихоби донишҷӯ фаро гирад.

Нақшаи таълимӣ бояд мураттаб бошад аз:

- рӯйхати пурраи блокҳо (ҳангоми мавҷуд будан), модулҳо, фанҳо, таҷрибаомӯзиҳо бо нишон додани сарбории умумии онҳо дар барномаи асосии таҳсилотӣ (дар воҳидҳои санҷишӣ), пайдарҳамии аз худкунӣ (аз рӯи семестрҳо), шаклҳои аттестатсияи фосилавӣ;
- ҳамаи чорабиниҳои аттестатсияи давлатии ниҳоӣ бо нишон додани сарбории умумии онҳо (дар воҳидҳои санҷишӣ).

Нақшаи таълимӣ барои таҳияи тақвими раванди таълим, рӯйхати машғулиятҳо, ҳисоби сарбориҳои устодон ҳамчун замина хизмат намояд.

Дар нақшаи инфиродии таълимии магистрант бояд пайдарҳамии аз худ кардани фанҳо бо интихоби донишҷӯ ва факултативҳо бо нишон додани ҳаҷми умумии сарборӣ (дар воҳидҳои санҷишӣ ва соатҳои академӣ), корҳои синфӣ ва мустақилона (бо соатҳои академӣ), шаклҳои аттестатсияи байнифосилавӣ дар ҷараёни соли таълимӣ инъикос ёбад.

Тартиби таҳия ва тасдиқи нақшаҳои таълимӣ ва нақшаҳои таълимии инфиродии магистрантҳо бо санадҳои меъёрии ДМТ муайян карда мешаванд.

## 8. Талабот ба таҳияи барномаҳои кории фанҳо (модулҳо)

Ҳангоми шаклдиҳии барномаи асосии таҳсилотии маълумоти олии касбӣ дар самти омодагии магистрҳо ниҳодҳои сохтории ДМТ бояд барномаҳои кори ҳамаи фанҳо (модулҳо) – ро ҳам дар шакли ҳатмӣ ва ҳам вариативӣ, аз ҷумла фанҳо бо интихоби магистрант ва факултативиро таҳия ва тасдиқ намоянд.

Барномаҳои кори фанҳо (модулҳо) бояд фарогири зайл бошанд:

- ҳадафҳои аз худ кардани фанҳо (модулҳо);
- мақоми фан дар барномаи асосии таҳсилот: бо нишон додани ҷузъи барномаи асосии таҳсилот ва блоки маълумотӣ, ки ба он фанни мазкур тааллуқ дорад; инъикоси алоқаи байниҳамдигарии мантиқӣ ва мундариҷавӣ-услубӣ бо ҷузъиятҳои дигари БАТ (блокҳо, модулҳо, фанҳо, таҷрибаомӯзиҳо); талабот ва салоҳиятҳои «воридоти» магситрант, ки ҳангоми аз худ кардани фанни мазкур заруранд ва дар натиҷаи аз худ кардани фанҳои пештара (модулҳо) ҳосил шудаанд; нишон додани фанҳои назариявӣ ва таҷрибаомӯзӣ, ки барои онҳо аз худ кардани фанни мазкур (модул) зарур аст;

- ғунҷоиши кори фанҳо (модулҳо) дар воҳидҳои санҷишӣ ва соатҳои академӣ;

- сохтор ва мундариҷаи фан: бо нишон додани ҳамаи фаслҳои фан (модул) бо фаро гирифтани ҳамаи фаслҳои (воҳидҳои дидактикӣ) фан (модул) бо нишон додани семестр ва ҳафтаҳои азхудкунии онҳо; барои ҳар як фасл навъҳои кори таълимӣ, бо шомил кардани кори мустақилонаи магситрантҳо, ғунҷоиши кор (дар соатҳои академӣ), шаклҳои назорати ҷории давомот (аз рӯи ҳафтаҳо), шаклҳои аттестатсияи фосилавӣ нишон дода мешаванд;

-технологияиҳои таҳсилотӣ;

- таъмини таълимиву методии кори мустақилонаи магистрантҳо;

-воситаҳои баҳогузории назорати ҷории давомот, аттестатсияи фосилавӣ аз рӯи натиҷаи азбаркунии фан;

- таъмини иттилоотӣ ва моддиву техники фан (модул).

Тартиби таҳия ва тасдиқи барномаҳои корӣ бо санадҳои меъёрии ДМТ муназзам карда мешаванд.

## 9. Талабот ба таъмини сифати татбиқи барномаи асосии таҳсилотии маълумоти олии касбӣ дар самти омода кардани магистрҳои «Идораи давлатӣ»

ДМТ уҳдадор аст, ки кафолати сифати тайёр кардани мутахассисро аз ҷумла бо роҳҳои зерин диҳад:

- таҳияи стратегияи таъмини сифати омодасозии хатмкунандагон бо ҷалби намояндагони сохторҳои кордиҳанда;

- мониторинг, санҷиши (тақриз) даврии барномаҳои таҳсилотӣ;

- таҳияи русумоти объективии арзёбии сатҳи дониш ва малакаи донишҷӯён, салоҳияти хатмкунандагон;

- таъмини салоҳиятмандии ҳайати устодон;

- баргузории мунтазами худтафтишкунӣ аз рӯи меъёрҳои мувофиқашуда барои баҳодиҳии фаъолият (стратегия) ва муқоиса ба муассисаҳои таҳсилотии дигар бо ҷалби намояндагони идораҳои кордиҳанда;

- огоҳонидани ҷомеа аз натиҷаҳои фаъолият, нақшаҳо, навъовариҳои хеш.

Баҳодиҳии сифати барномаҳои асосии таҳсилотӣ бояд назорати ҷории давомот, аттестатсияи фосилавии магистрантҳо ва аттестатсияи ниҳоии давлатии хатмкунандагонро дар бар мегирад.

Шакл ва маросими мушаххаси назорати ҷорӣ ва фосилавии магистрантҳо аз рӯи фанҳо факултет мустақилона таҳия мекунад ва ба маълумоти магистрантҳо дар давоми моҳи аввали омӯзиш мерасонанд.

Барои аттетстатсияи магистрантҳо, барои мувофиқати дастовардҳои шахсии онҳо ба талаботҳои марҳилавии барномаи асосии таҳсилотии мувофиқ фондҳои василаҳои баҳодиҳӣ таъсис дода мешаванд, ки супоришҳои намунавӣ, корҳои санҷишӣ, тестҳо ва усулҳои назоратро дар бар гирифта, барои баҳодиҳии дониш, малака ва сатҳи салоҳиятҳои ҳосилкарда имкон медиҳанд. Фонди василаҳои баҳодиҳӣ аз ҷониби

факултет (бо мувофиқа) таҳия ва тасдиқ карда мешаванд.

Дар ДМТ системаи автоматикунонидашудаи мониторинги сифати татбиқи барномаи таълими забонҳои хориҷӣ амал мекунад.

Факултет бояд баҳри наздик кардани барномаи назорати ҷории давомот ва аттестатсияи фосилавии магистрантҳо ба шароити фаъолияти ояндаи касбии онҳо шароит муҳайё карда, барои ин илова ба устодони фанҳои мушаххас, ба сифати экспертҳои беруна кордиҳандагон, устодони дарсгӯи фанҳои омехта ва ғайраро фаъолона ҷалб намояд.

Ба магистрантҳо бояд имконияти баҳодиҳии мундариҷа, ташкил ва сифати раванди таълим дар маҷмӯъ, инчунин кори омӯзгорони алоҳида дода шавад.

Факултет ба таъмини хатмкунандагон бо ҷойи кор мусоидат карда, оиди ҳаракати касбии хатмкунандагон маълумотҳоро сабт намояд ва бо онҳо робитаи зарурии касбиро барғарор кунад.

## 9. Тартиби ворид кардани тағйирот ба стандарти таҳсилоти ДМТ аз рӯи самти тайёр кардани магистрҳои «Идораи давлатӣ»

Тағйирот ба стандарти таҳсилоти ДМТ аз рӯи тайёр кардани магистрҳои **«Идораи давлатӣ»** бо қарори Шурои олимони ДМТ ворид карда шуда, бо фармоиши Ректори ДМТ татбиқ карда мешаванд.